**Нусха аз суратҷаласаи № 5**

**оид ба баргузории ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

08. 04. 2024 ш. Хуҷанд

Иштирок доштанд:

н.и.ҳ., дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия Қобилов Б.Қ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., н.и.х,., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Ахмедов Н.И., н.и.х,., дотсент Орипов Т.О., н.и.х,., дотсент Санавваров Р.Б., н.и.х,., дотсент Қаҳҳоров Н.М., н.и.х,., дотсент Солиев И.М., н.и.х,., дотсент Очилова Ф.А., н.и.х,., дотсент Бобоев А.Х., н.и.х,., дотсент Муллоҷонова Н.А., н.и.х,., дотсент Зиёбоева М.Н., муаллимони калон Пулотов К.И., Сайдуллоев А. А., Каримова М.М., ассистент Акмалзода А.Х. котиб-коргузори кафедра Шокаримова Н.С.

Рӯзнома

6.1. Муҳокимаи рисолаи номзадии увонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДДБСТ Нодирзода Нозимдон Мансур дар мавзуи “Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Раисикунандаи ҷаласа, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия, н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. кори ҷаласаро оғоз намуда ба ҳозирин рӯзномаи ҷаласаро шинос намуд ва иброз дошт, ки имрӯз рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзӯи "Корҳоиислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш. мавриди муҳокима қарор медиҳем.

Барои ибрози андеша, баёни мубарамияти мавзӯ, нуктаҳои асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо сухан ба унвонҷӯ Нодирзода Н.М. дода шуд. (нусхаи баромад замима карда мешавад).

Баъд аз итмоми баромад, аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа ба унвонҷӯ Нодирзода Н.М. саволҳо дода шуд. Аз ҷумла, н.и.ҳ., дотсент Ахмедов Н.И. доир ба сохтори рисола, фарқияти ҷазо дар намуди корҳои ислоҳии соли 1961 аз корҳои ислоҳии имрӯз дар Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муққарраргардида, моҳият ва табиати ҳуқуқии корҳои ислоҳӣ. н.и.ҳ., дотсент Орипов Т.О. нисбати таҳлили амалияи таъин ва иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ. н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. доир ба афзалияти ҷазои корҳои ислоҳӣ нисбати дигар ҷазоҳои ҷиноятӣ, воситаҳои ислоҳнамоӣ ҳангоми иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, таъсирбахшии ҷазои корҳои ислоҳӣ ҷиҳати расидан ба мақсадҳои ҷазо, мушкилотҳои ҷойдошта дар вақти иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ. муаллими калон Сайдуллоев А.А. оид ба таъсирбахшии фоизи нигоҳдошти андозаи музди меҳнат аз маҳкумшуда, доираи шахсоне ки нисбати онҳо ҷазои корҳои ислоҳӣ таъин намегардад ва пешниҳодҳои унвонҷӯ нисбати ин масъала.

Унвонҷӯ Нодирзода Н.М. ба саволҳои аз ҷониби устодон пешниҳодгардида ҷавобҳои мушаххас ва бо овардани мисолҳо аз амалияи таъин ва иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ асоснок намуд.

Раисикунандаи ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. баъд аз шунидани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда аз иштирокдорони ҷаласа даъват ба амал овард, ки андешаҳояшонро оид ба рисола баён намоянд.

н.и.ҳ., дотсент Ахмедов Н.И. нисбати рисолаи номзадии омоданамудаи унвонҷӯ Нодирзода Н.М. андешаҳояшро чунин баён намуд, ки рисолаи ба муҳокима пешниҳодгардида кори аз ҷиҳати илмӣ хуб анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Натиҷаи маҳсули меҳнати чандсолаи унвонҷӯ бо роҳбари илмӣ мебошад. Баъзе хатогиҳои имлоӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба мазмуни рисола таъсир намерасонанд.

н.и.ҳ., дотсент Қаҳҳоров Н.М. мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ доир ба рисолаи номзадии унвонҷӯ Нодирзода Н.М андешаҳояшро чунин иброз дошт. Мавзӯи мазкур аз ҷониби унвонҷӯ Нодирзода Н.М. бори аввал бо забони тоҷикӣ ба таври пурра ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст. Дар рисола таҳқиқоти муқоисавӣ бо қонунгузории ИДМ гузаронида шудааст, таклифу пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ баён карда шудаанд.

н.и.ҳ., дотсент Бобоев А.Х. доир ба рисола таъкид намуд, ки кори илмии баанҷомрасонидаи унвонҷӯ Нодирзода Н.М. ба талаботи пешбинии намудаи КОА оид ба навиштани рисолаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

н.и.ҳ., дотсент Солиев И.М. нисбати рисолаи номзадии унвонҷӯ Нодирзода Н.М. андешаҳояшро чунин баён кард. Масъалаи баррасинамудаи Нодирзода Н.М. дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мубрам ба ҳисоб меравад, унвонҷӯ тавонистааст дар доираи рисолаи илмӣ паҳлӯҳои ҷиноятӣ ва иҷрои онро таҳлили ҳамаҷониба намуда таклифу пешниҳодҳои худро баён созад.

н.и.ҳ., дотсент Орипов Т.О. аз ҷониби Нодирзода Н.М. диссертатсия бо назардошти талаботи ҷорӣ омода карда шудааст, мавзӯи интихобнамуда актуалӣ мебошад. Муаллиф аз нуқтаи назари ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ онро таълиф намудааст. Аз ҷиҳати методӣ ва имлоӣ хуб коркард шудааст. Барои ҳимоя пешниҳод намудани рисолаи муҳокимашаванда ба мақсад мувофиқ мебошад.

Раисикунандаи ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Қобилов Б.Қ. баъд аз шунидани андешаҳо, таклифу пешниҳодҳои иброзгардида таъкид намуд, ки воқеан аз ҷониби унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Нодирзода Н.М. мавзӯи рисолаи номзадӣ, ки ба корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ ва масоили иҷро ва адои он бахшида шудааст дар сатҳи баланди илмӣ бо баназаргирии талаботҳои ҷорӣ оид ба омодасозии рисолаҳои номзадӣ ба анҷом расонида шудааст. Бо забони тоҷикӣ, оммафаҳм ва дастрас таҳия гардидааст ва дар асоси фикру андешаҳои баёнгардида рисолаи илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзӯи “Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботҳои бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст мутобиқат дорад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси номбурда сазовор дониста мешавад.
2. Диссертатсияи унвонҷӯ Нодирзода Н.М. барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16. “зид” – нест, “бетараф” - нест

Суратҷаласа аз 08 – уми апрели соли 2024, № 5.

Раисикунандаи ҷаласа:
н.и.ҳ., дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминалистика ва пешгирии коррупсияи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Қобилов Б.Қ.

Котиби ҷаласа: Шокаримова Н.С.

Имзои Қобилов Б.Қ. ва Шокаримова Н.С. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.